**Такриз**

ба автореферати Ҳайдарова Бисаноат Умаровна дар мавзӯи **“Анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар осори Шӯхии Хуҷандӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик.

Адабиёти асри XVIII тоҷик аз ҳар лиҳоз ҷолиби таваҷҷуҳ буда, дар таҳқиқоти густурдаи олимони соҳаи филология хусусиятҳои умдаи он инъикос ёфтааст. Адабиёти форсии тоҷикии давраи мазкур дар ҳавзаҳои адабии Мовароуннаҳр бо чанд вижагии худ аз адабиёти ҳавзаҳои адабии дигар фарқ мекунад, ки агарчи дар таҳқиқоти анҷомёфта дар ин замина ин вижагиҳо баррасӣ шудаанд, вале омӯзиши девонҳои алоҳидаи намояндагони ин давраи адабиёт нишон медиҳад, ки ҳанӯз ҷанбаҳои ҷузъии зиёде дар ашъори шоирони ин аср мавҷуданд, ки таҳқиқу пажӯҳиши онҳо аз вазифаҳои асосии адабиётшиносии ватанӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ дар ин мавзӯъ таълиф намудани рисолаи илмӣ аз тарафи унвонҷӯ Ҳайдарова Бисаноат Умаровна шоистаи дастгирӣ ва таҳсин мебошад. Рисолаи мавсуф ба таҳқиқу омӯзиши идомаи суннатҳои адабиёти асрҳои пешини форсии тоҷикӣ дар эҷодиёти яке аз шоирони соҳибдевони ин давраи доираи адаби Хуҷанд Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ бахшида шудааст. Доираи фарогирии масъалаҳои мавриди таҳқиқ дар рисола хеле густурда мебошад. Муаллифи рисола нахуст аз ҳама зарурати интихоби мавзӯъро таъкид намуда, дар муқаддимаи муфассал ҳамчунин пешинаи таҳқиқи он, аҳдофи таҳқиқот, аҳаммияти назарӣ ва амалии онро дар ҷомеаи илмии кишвар баён доштааст. Дар фаслҳои чаҳоргонаи боби аввали рисола масъалаҳои таҳаввулоти таърихии муҳити адабии Мовароуннаҳр дар асри XVIII, таҳқиқу омӯзиши рӯзгор ва осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар доираҳои илмии Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя, таркиби жанрии девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба тафкики навъҳои маълуму машҳури роиҷ дар ин аср, нусхаҳои хаттии девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ мавҷуд дар китобхонаҳои ҷумҳурӣ маълумоми муфассалу зарурии илмӣ пешниҳод гардидааст. Дар ин боб баҳсҳо ва нақди муаллиф бар мақолаҳои дар бораи шоир дар таҳқиқоти олимони соҳа ба нашррасида ва намунаҳои чопшудаи шоир ҷолиб ва арзиши илмии болое доранд. Боби дувуми рисола ба мазмуну муҳтаво ва мавзӯъҳои осори шоир бахшида шудааст, ки ҳовии се фасл бо унвонҳои “Тараннуми ишқ ва масоили дигар дар ашъори шоир”, “Ирфон дар ғазалиёти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ”, “Назари иҷтимоии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ” фарогири таҳлилу баррасии умдатарин масъалаҳо ва мавзӯъҳои ашъори шоир мебошанд, ки баёнгари дидгоҳҳо ва назари хоси шоир дар масъалаҳои мавриди таҳқиқ будааст. Боби сеюми

рисола **“Сувари хаёл ва услуби бадеии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ”** унвон дошта, ба таҳқиқу пажӯҳиши масъалаҳои истифодаи санъатҳои бадеӣ, вежагиҳои забону баёни шоир ихтисос ёфтааст. Маҳз дар ҳамин боб мавзӯъи асосии рисола, ки идомаи суннатҳо ва анъанаҳои адабиёти асрҳои пешини адабиёти тоҷик дар мисоли эҷодиёти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба хусус ҳунари шоирии ӯ муаллифро ба хулосае овардааст, ки Шӯхӣ идомадиҳандаи сабку услуб ва равиши анъанавии ғазалсароии шоирони қадим дар ин аср мебошад ва дар ин ҷода мақому манзилати шоистаро сазовор аст.

Истифодаи сувари хаёл ва корбурди он аз тарафи шоир ба кашфи маонии ҷолиб ва афкори балеғи шоирона мунҷар гардидааст ва тавонистааст, ки тасвирҳои “анъанавиро бо ҷилваҳову тобишҳои тоза дар шеъраш ворид кунад”.

Боби охири рисола ҳам ба масъалаи муҳимму муфиди мавриди таҳқиқи осори шоир “Суннатҳои адабӣ дар ғазалиёти шоир” оид буда, фарогири се фасл мебошад. Дар фаслҳои ин боб масъалаҳои таъсиру нуфузи ашъори шоирони пешин мисли Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, шоирони ҳамрӯзгори муаллиф, хоса шоирони сабки ҳиндӣ ва корбурди навъҳои маъмули адабӣ дар эҷодиёти шоир ва истифода аз анвои мухталифи қофия ва радифҳои нодир мавриди таҳқиқу баррасии диссертант қарор гирифтааст, ки ба бисёре аз ҷанбаҳои назарии ашъори шоир, ки то ин замон таҳқиқ нашуда буданд, равшанӣ меандозад.

Хулосаҳои муаллифи рисола ҳам асоснок, илмӣ ва ниҳоят мӯътамад мебошанд, ки дар сездаҳ банд дар фишурдаи рисола сабт шудаанд.

Дар баробари муваффақият ва дастовардҳои ёдшуда рисола дорои чанд нуқсон ҳам мебошад, ки ислоҳи онҳо бар ҳусни он меафзояд.

1. Вазъи адабии Мовароуннаҳр дар боби аввал баррасӣ шудааст, вале маълум аст, ки таърихи адабиёти тоҷик дар ин давра дар иртибот бо доираҳои адабии Хуросону Эрон ва Ҳинд ривоҷ меёфт, аз ин рӯ, аз равобити адабии доираҳои мазкур сухан ба миён наовардан дар ин маврид шоистаи кори илмӣ нест.

2. Сабки шеърии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ҳам дар рисола ба таври илмӣ таҳқиқу пажӯҳиш нагардидааст.

Камбудиҳои мазкур ҳаргиз арзиш ва аҳамияти илмии автореферати диссертатсияро кам намекунанд.

Диссертатсияи номзадии Ҳайдарова Бисаноат Умаровна дар мавзӯи **“Анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар осори Шӯхии Хуҷандӣ”** тадқиқоти анҷомёфта ва ҷавобгӯ ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда,

муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад.

**Дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории АИДНПҶТ, номзади илми филология** **Султонмамадова Умеда Алимамадовна**

**E-mail: umeda 84 @bk.ru**
**Тел.: (+992) 93-913-84-84**

**Имзои Султонмамадова У.А.-ро тасдиқ менамоям: сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИДНПҶТ** **Бобозода Одилҷон Олим**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**куч. Саид Носир, 33.**
**Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**E-mail: info@apa.tj**
**Тел.: (+992 37)2241786.**